# ТАҚРИЗ

**ба кори диссертатсионии Исайнова М.Ҳ. дар мавзӯи «Ҷанбаҳои минтақавии таъмини амнияти озуқаворӣ (Дар мисоли ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ)» барои дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.03 – иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ**

**Муҳиммияти мавзӯъ:** Таъмини амнияти озуқаворӣ дар сатҳи минтақа яке аз масъалаи мубрам ва муҳими иқтисодиёти минтақавӣ ва дар баробари он иқтисодиёти миллӣ гардида истодааст. Тағйирёбии вазъи бозорҳои агроозуқаворӣ, меъёрҳо ва миқдори талаботи аҳолӣ ба маводи ғизоӣ ҳамзамон дигаргуншавии муносибатҳои субъектҳои истеҳсолкунандаи маҳсулоти агроозуқаворӣ масъалаҳои таҳқиқи таъмини озуқавории аҳолиро зиёд мегардонад. Маълум аст, ки амнияти озуқавории мамлакат ба рушди иқтисодии минтақаҳо такя намуда, аз як қатор омилҳои дохилаву беруна вобаста мебошад. Инчунин таъмини мунтазами он, натанҳо аз дастрасии аҳолӣ бо маводи озуқавории хушсифат шаҳодат медиҳад, балки амнияти умумии ҳамаи давлатро таъмин карда метавонад.

Муносибатҳои таҳримонаи як қатор мамлакатҳои ҷаҳон шаҳодат медиҳанд, ки ҳама гуна манфиатҳои иқтисодии онҳо дар рушди бозори озуқаворӣ зуҳур ёфта, тавассути истеҳсолоти самараноки соҳаи кишоварзӣ ва ҳамзамон таҳияи сиёсати дурусти коркарди маҳсулоти озуқаворӣ амнияти озуқавории худро таҳия намуда, ба ҳамин васила давра ба давра рушди иқтисодиёти минтақавии худро ташаккул медиҳанд. Қайд намудан бомаврид аст, ки иқтисоди минтақа, бахусус ноҳияҳои тобеи ҷумҳур ҷузъи асосии иқтисоди миллӣ буда, дар таҳия ва тадбиқи амнияти озуқавории мамлакат ҳамчун минтақаи калидӣ махсуб меёбад.

Таъмини амнияти озуқаворӣ дар қатори ҳадафҳои стратегии мамлакат нисбатан мубрам буда, барои қонеъгардонии талаботи аҳолӣ бо маҳсулоти ғизоии зарурӣ, ки омили асосии некуаҳволӣ, инчунин рушди аҳолии мамлакат ва минтақаи таҳқиқотӣ маҳсуб меёбад. Амнияти озуқаворӣ дар сатҳи минтақа дар асоси сиёсати ягонаи рушди соҳаҳои аграрӣ, саноат ва хизмат таъмин гардида, дар баробари инҳо фаъолияти дигари хоҷагидориро дар иқтисодиёти минтақавӣ таъмин менамояд.

Имрӯзҳо ҷиҳати ноил гардидан ба амнияти озуқаворӣ ба мисли дигар соҳаҳои калидии иқтисодиёти мамлакат мушкилотҳои гуногун вуҷуд дорад, ки ҳалли саривақтии онҳо таҳқиқи ҷанбаъҳои минтақавии таъмини амнияти озуқавориро тақозо менамояд. Дар баробари таҳқиқи дигар паҳлӯҳои илмию назариявии таъмини амнияти озуқаворӣ, дар ҷумҳурии мо масъалаи мазкур нокифоя буда, таҳқиқи ҷанбаъҳои минтақавии он дар тадбиқи ҳадафи стратегии мамлакат - таъмини амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолии мамлакат бо ғизои хушсифат мубрам мебошад.

**Сатҳи асоснокунии мавзӯи таҳқиқоти илмӣ**, хулоса ва тавсияҳои унвонҷӯ аҳамияти методӣ дошта, нуктаҳои асосии осори илмии муҳаққиқони ватанию хориҷӣ оид ба масъалаи таҳқиқшаванда бо мантиқи илмӣ таҳия гардида, нишондиҳандаҳои расмии оморӣ мавриди таҳлил қарор дода шуда, маълумотҳо ва далелҳои маводҳои методӣ истифода карда шудааст.

**Эътимоднокӣ ва навгониҳои илмии** диссертатсия дар ҳалли мушкилоти илмии таъмини амнияти озуқаворӣ дар сатҳи минтақаи муайн зуҳур меёбад.

Таҳлили таҳқиқоти диссертатсионӣ нишон медиҳад, ки унвонҷӯ маводҳои зиёди илмию таҳлилиро мавриди истифода қарор дода, ҷанбаъҳои назариявии онро дуруст асоснок карда, тавсияҳои методӣ ва амалиро оид ба таъмини амнияти озуқаворӣ дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дар шароити имрӯзаи тағийрёбандагии мунтазами ғайричашмдошти вазъи бозорҳои ашёву агроозуқаворӣ ва ҳаҷми истеъмолии аҳолӣ таҳия кардааст.

Бо назардошти ин, кори диссертатсионӣ аз норасогиҳо эмин нест ва онҳоро дар чунин шакл пешниҳод намудан мумкин аст:

1. Муҳиммияти мавзӯъро мушахассан такмил додан лозим аст;

2. Алоқамандӣ ва мантиқи илмии вазифаи шашуми кори диссертатсионӣ бо навгони шашуми кор номутобиқ пешниҳод гардидааст;

3. Дар зербоби 2.1. диссертатсия (саҳ. 84), ҷадвали 2.1.1. ба таври номукаммал пешниҳод гардидааст. Хуб мебуд, агар унвонҷӯ воҳиди ченаки дурустро интихоб намуда, вобаста ба солҳои пешниҳодгардида нишон медод;

4. Дар саҳифаи 108-уми диссертатсия ҷадвали 2.2.6. оварда шудааст, ки ном ва таркиби он ба ҷадвали 2.1.3. (саҳ.86) бештар шабоҳат дорад. Хуб мебуд, агар унвонҷӯ ҷадвалҳои номбаршударо бознигарӣ менамуд;

5. Дар саҳфаи 127-уми диссертатсия, ҷадвали 3.1.8. бо номи «Вазъи ҳозираи сохтори кишти зироатҳои кишоварзӣ ва ояндабинии таҷдиди сохтории он барои оянда, (ҳаз. га)» оварда шудааст. Аммо, дар матнҳои баъдӣ, шарҳу тафсир нагардидааст, ки бо кадом роҳ, усул, методология ва ё ҳисобҳои дақиқ ояндабинӣ шудааст;

6. Ба унвонҷӯ тавсия дода мешавад, ки ба талаботҳои нави Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати таҳияи диссертатсияҳо, бахусус хулосаи муаллиф бештар диққат медод;

7. Дар матни диссертатсия саҳву хатогиҳои имлои дида мешавад ва ба унвонҷӯ тавсия мегардад, ки таҳрири онро бознигарӣ намояд;

Умуман, камбудиҳои ишорашуда хусусияти ҷузъӣ дошта, мазмун ва баҳои воқеии диссертатсияро тағйир намедиҳанд. Камбудиҳои муайняшуда ба моҳияти назариявӣ ва амалии диссертатсия, тавсифи ҷустуҷӯи таҳқиқотро, ки ба ҷанбаъҳои минтақавии таъмини амнияти озуқаворӣ бахшида шудааст, таъсири манфӣ намерасонанд.

Дар маҷмӯъ диссертатсияи унвонҷӯ Исайнова М.Ҳ. дар мавзӯи «Ҷанбаҳои минтақавии таъмини амнияти озуқаворӣ (Дар мисоли ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ)» барои дарёфти унвони номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.03. – иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ пешниҳод шудааст, кори мустақилона анҷомдодашуда ва мантиқан дар ҳамин сатҳи муҳокима кори илмӣ-таҳқиқотии итмомрасида буда, бо назардошти баратараф намудани эродҳо, барои муҳокима ва ҳимояи минбаъда тавсия карда мешавад.

Муқарриз:
номзади илмҳои иқтисодӣ,
дотсенти кафедраи идоракунии
давлатӣ ва маҳаллии ДМТ Аҳмадов Р.Р.

«Имзои Р.Р. Аҳмадовро тасдиқ мекунам»
Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДМТ
«23» 09 соли 2022 Тавқиев Э.Ш.